# Машварати босифат- ҳалли дурусти мушкилиҳо

«Ҳамон рӯзе, ки модарам вафот кард, ҳамаи мушкилиҳои ман сар шуд» - саргузашти худро нақл кард Убайд (номаш иваз карда шуд). «Ман ҳамон вақт 16 сола будам, фарзанди калонии хона башумор мерафтам. Баъди вафоти модарам, ман вақти бисёри худро бо бачаҳои сину соли калон аз худам мегузаронидам, онхо носу сигарет мекашиданд. Ҳеҷ кадом аз аъзои оилаамон манро барои вақтгузарони бо писарони сину солашон калон монеъ намекарданд. Вақт гузарони бо онҳо ба ман шавқовар буд. Ман пайхас намудам, ки як гурӯҳи онҳо ба ғайр аз носу сигор дигар маводро низ панохӣ аз дигарон истеъмол мекарданд. Ба ман шавқовар шуд ва хостам ба ин гурӯҳ ҳамроҳ шавам. Вақтҳои аввал ман сигор мекашидам, баъди якчан моҳ ба кашидани нос гузаштам. Рӯзе аз рӯзҳо аммакам, ки дар гурӯҳҳ сину соли калонсолон буд, ба ман як қуттии гӯгирдчӯбро дода, хоҳиш намуд, ки ин қуттиро ба ҷӯрааш, ки дар даҳлези хонаи бисёрошёнаамон интизор буд, бурда диҳам. Аз ошёна фуромада истода, ман қуттии гӯгирдчӯбро кушодам ва маводи алафмонандро дида як порчаашро шикаста гирифтам ва боқимондаашро ба ҷӯраи аммакам додам. Ба хона баргашта як сигори падарамро дуздидам, сигорро холи карда, ба он маводи алафмонандро пур карда, худи ҳамон замон дар хона кашидам. Ман дар хотир дорам гирифтани якум дудамро…. Баъди якчанд соат ба худ омадам. Ду рӯз пас боз маро хоҳиш карданд, ки қуттии гӯгирчӯби маводдорро бурда супорам. Акнун ман медонистам, то дастрас намудани мавод аз дарунаш барои худ чӣ қадар гирам. Ҳамин тариқ ман истеъмоли анашаро сар намудам. Падарам истеъмоли сигор ва носро аз тарафи ман ҳиссиёт мекард, вале истеъмоли анашаро намедонист. Ҳамон рӯзе, ки ба ман шаҳодатномаи мактаби миёнаро супориданд, ман бо як дӯстам ки аз ман се сол калон буд, паси мактаб рафтам ва ӯ ба ман як хокаи сафедро дод ва гуфт, ки онро буй кашам. Ман фикр кардам, бо ман ҳеч воқеа руй намедиҳад. Баъди як нафаси чуқур ман зуд дар байни қамишҳое, ки паси мактаб мерӯиданд афтидам…




Малакаи пешниҳоди машварати босифат.
Дар сурат: Убайд, корманди саҳроӣ (аз чап) ва Курбонгул Алимова, корманди иҷтимоии (аз рост) Намояндагии ТҶҶ «Афиф» дар вилояти

Дар соли 2000 ман ба Донишгоҳи Давлатии ба номи Н.Хусрав ш. Бохтар ба факултаи филология дохил шудам. Падарам ҳаррӯз роҳпулӣ барои то Донишгоҳ ва хароҷотҳои майда медод, ман бошам ин пулҳоро ҷамъ намуда, барои харидани героин сарфа мекардам. Баъди ду соли истеъмолам, падарам бохабар шуд, манро сахт сарзаниш кард, бо ман сӯҳбатҳо гузаронид, оиди дуруст интихоб кардани роҳи зиндагӣ – вале ба ман фарқияте надошт. Дар хотир дорам, ки падарам маро ду-се рӯз дар батареяҳои хона маҳкам мекард, вале ман додарамро хоҳиш медодам, ки калиди газро биёрад ва бо ҳамин тариқ худро аз батарея озод менамудам ва аз хона мегурехтам. Баъди ин ҳолатҳо дар хонаамон дигар батареяҳо набуданд ва бинобар ҳамин манро дар хуҷра маҳкам мекарданд. Ман тирезаи хуҷраро кушода бо истифодаи симҳои антенийба замин мефуромадам ва мегурехтам (ҳамон вақт мо дар сеюм ошёна зиндагӣ мекардем).

Вақте, ки ман 24 сола шудам, бо дастгирии як ташкилоти ҷамъиятӣ табобати детоксикатсияро гузаштам, вале баъди се моҳ боз истифодаи героинро сар кардам. Ҳамин тавр ман чор бор дедоксикация гузашта ва боз ба истифодаи маводи мухадир баргаштам.



Машварати бо мизоҷ.
Дар сурат: Убайд, корманди саҳроии Намояндагии ТҶҶ «Афиф» дар вилояти Хатлон (аз чап) ва Зокир, мизоҷи лоиҳа (аз рост)

Танхо дар соли 2016 баъди машваратҳои корманди иҷтимоии Намояндагии Афиф дар вилояти Хатлон дар зиндагии ман дигаргуниҳо пайдо шуд. Ҳамон вакт ман фаҳмидам, ки детоксикация не балки машварати босифат барои интихоби рохи дуруст ёрӣ медиҳад. Суханҳои дурусти пайдонамуда, дастгирии рӯҳӣ, суханҳои муҳим ҳамон вакт гуфта, фикр менамои, ки ҳаёт аз даст рафтааст ва роҳи баргашт нест – ба ман барин шахсон кӯмак мерасонад, роҳи ҳалли гуногуни дурустро дарёфт намояд. Кормандони иҷтимоии Афиф ҳамин суханҳои дурустро дарёфт намуда, ба ман гуфтанд. Ин дастгирӣ ба ман ба оянда боварӣ ҳосил намуд, ки боварӣ ба худ, захираҳои дарунии худро дарёфт намуда, ба ҳамагон нишон диҳам, ки ман шахси гумшуда нестам. Аз соли 2016 ман истифодаи маводи мухаддиро қатъ намудам. Зиёда аз он, ман дӯстони боваринок ва дурустро дарёфтам, ба кор даромадам. Машварати босифат таҷрибаи 16 солаи истифодаи маводи мухадирро боздошт. Ҳоло бошад, бо мизоҷони худ суханронӣ мекунам, кӯшиш мекунам, ки бо ҳар яке онҳо дарёфти рафтори индивидуалӣ ва суханони лозимаро истифода барам, то он ки фикри мизоҷро маҷбур намояд, ки барои ҳаёти худ ва беҳтар намудани он мубориза барад. Ман сипосгузорам аз кормандони Афиф барои суханҳои муҳим ва дарёфти худи «МАН» - бо ҳамин суханҳояш Убайд хикояашро ба итмом расонд.

Холо бошад Убайд ба хайси корманди саҳроии Намояндагии «Афиф» дар вилояти Хатлон машғул буда, хизматрасониҳои мушовири «баробар бо баробарро» ба истифодабарандагони маводи мухаддир, ки худ 2 сол пеш буд, пешниход менамояд. Дар доираи лоиҳа ба Убайд муяссcap шуд, ки 153 нафар мизоҷонро барои дастрасии хизматрасониҳои лоиҳа ва 2 нафаро ба барномаи ТҶЁ дастрас намояд.

---

Маълумотнома: Дар доираи амалисозии барномаи «Мустаҳкамкунии шароити мусоид ва васеъ намудани миқёси чорабиниҳои профилактики, табобат ва нигоҳубин барои нигоҳдоштани пахншавии эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба кор таъмин шуд 9 нафар машваратчиёни баробар бо баробар ба сифати кормандони саҳроӣ. Ах онҳо 6 нафарашон иштирокчии барномаи ТҶЁ, 3-нафар дар марҳилаи худдори аз маводи мухадир ва 3- нафар статуси ВНМО доранд. Бо дастгирии машваратчиёни баробар бо баробар 21- нафар ШИМТ дар сомонаи ТҶЁ метадон истифода бурда истодаанд..